# СОЗИШНОМА
# БАЙНИ ХУКУМАТИ ЧУМХУРИИ ХАЛКИИ ХИТОЙ ВА ХУКУМАТИ ЧУМХУРИИ ТОЧИКИСТОН ДАР БОРАИ НАКЛИЕТИ АВТОМОБИЛИ

Хукумати Чумхурии Халкии Хитой ва Хукумати Чумхурии Точикистон, ки минбаъд " Тарафхои Ахдкунанда" номида мешаванд;

бо дарназардошти инкишофи муносибатхои тичоратию иктисодии дучониба;

бо нияти инкишоф додани наклиети байналхалкии автомобилии мусофиркаш ва боркаш байни харду Тараф дар асоси баробархукуки ва судмандии мутакобила;

ба мувофикати зайл расиданд:

## МОДДАИ 1

Мутобики ин Созишнома байни харду Тараф хамлу накли мунтазам ва гайримунтазами мусофиркашони, аз чумла туристи ва боркаши тавассути нуктахои сархадии кушода, гузаргохи тичоратии муваккати ва роххои кушода ба воситаи наклиети автомобилие, ки дар Чумхурии Халкии Хитой ва дар Чумхурии Точикистон ба кайд гирифта шудаанд, амали мегардад.

Масъалахои мушаххас, ки ба нуктахои сархади, гузаргохи тичоратии муваккати, масир ва тартиби хамлу накл дахл доранд, аз чониби идорахои салохиятдори Тарафхои Ахдкунанда мувофикат мешаванд.

## МОДДАИ 2

Дар ин Созишнома:

- истилохи “ воситаи наклиети автомобили”

дар мавриди хамлу накли бор - автомобили боркаш, катораи автомобили/автомобили боркаш бо нимкатора, автомобили кашанда е автомобили кашанда бо нимкатора;

дар мавриди хамлу накли мусофирон-автобус, яъне воситаи хамлу накли автомобили, ки барои хамлу накли мусофирон муайян шудааст ва ба истиснои чои ронанда на камтар аз 8 чои нишаст дорад, хамчунин нимкатора барои хамлу накли бор;

-истилохи “хамлу накли мунтазам” - хамлу накле, ки тавассути воситахои хамлу накли автомобилии Тарафхои Ахдкунанда мувофики реча, масир ва рейсхои пешаки мувофикатшуда ба амал бароварда мешавад;

- истилохи “хамлу накли гайримунтазам” - хамаи хамлу накли бокимонда, ба истиснои хамлу накли мунтазам;

- истилохи “назорати санитари” - назорати санитари, байтори, хамчунин фитосанитари;

- истилохи “идорахои салохиятдор”:

дар Чумхурии Халкии Хитой- Вазорати коммуникатсияи Чумхурии Халкии Хитой,

дар Чумхурии Точикистон - Вазорати наклиет ва хочагии рохи Чумхурии Точикистон

бояд фахмида шавад.

## МОДДАИ 3

Ташкили хамлу накли мунтазам ва гайримунтазами воситахои автомобили аз чониби идорахои салохиятдори Тарафхои Ахдкунанда хамоханг карда мешавад.

## МОДДАИ 4

1. Ба истиснои хамлу накл, ки моддаи 5 ин Созишнома мукаррар мекунад, идораи салохиятдори

яке аз Тарафхои Ахдкунанда бояд ба воситахои хамлу накли автомобили, ичозатнома барои аз чониби Тарафи Ахдкунандаи дигар амали намудани хамлу накл дар хамон китъаи рох, ки аз каламрави кишвари вай мегузарад, пешкаш намояд.

2. Навъ, мухтаво, шакл, истифода ва тартиби мубодилаи ичозатномахо дар регламенти ин Созишнома мукаррар карда мешавад.

## МОДДАИ 5

1. Ичозатномае, ки дар Моддаи 4 ин Созишнома омадааст, ба ичрои хамлу накли зерин зарур намебошад:

а) намуна, тачхизот ва материалхое, ки барои ярмарка ва намоишгоххо пешниход шудаанд;

б) воситахои хамлу накл, хайвонот, хамчунин асбобу анчом ва молхои гуногун, ки барои гузаронидани чорабинихои варзиши мукаррар шудаанд;

в) декоратсия ва реквизити театри, асбобхои мусики, тачхизот ва лавозимоти банаворгирии филм, намоишхои радио ва телевизион;

г) часад ва турбати майитхо;

д) почта;

е) воситахои автомобилии зарардидаи;

ж) молу мулки манкул дар мавриди тагйири чои зист;

з) боре, ки барои хамлу накли он мутобик бо моддаи 6 ин Созишнома ичозати махсус гирифта шудааст.

2. Дар мавриди гузариши автомобилхои ерии техники ва иваз кардани автобуси мусофиркаши вайроншуда бо автобуси дигар ичозат талаб карда намешавад.

3. Дар мавриди амали гардидани хамлу накл, ки дар хамин модда зикр шудааст, воситаи хамлу накли автомобили бояд варакаи сафарии милли дошта бошад.

## МОДДАИ 6

1. Хачм, сарбори ба мехвар бор ва вазни воситахои хамлу накли автомобили, ки бидуни бор е бо бор харакат мекунанд, бояд аз меъере, ки дар худуди давлати Тарафи Ахдкунандаи дигар муайян шудааст ва дар шиносномаи техники сабт гардидааст, зиед набошад.

2. Дар мавриде, ки хачм е вазни воситаи хамлу накли автомобили аз меъере, ки дар каламрави Тарафи Ахдкунандаи дигар муайян шудааст, зиед бошад, хамчунин дар мавриди хамлу накли бори хатарнок, боркашон бояд ичозатномаи махсус аз идорахои салохиятдори Тарафи Ахдкунандаи дигар гирад.

3. Агар ичозатнома, ки дар банди 2 ин модда зикр шудааст, харакати воситаи хамлу накли автомобилиро дар масири муайян дар назар дошта бошад, хамлу накл бояд танхо дар хамин масир амали гардад.

## МОДДАИ 7

1. Хамлу накле, ки ин Созишнома мукаррар мекунад, танхо тавассути боркашонхое, ки мутобики конунгузории дохилии кишвари худ барои амали гардонидани хамлу накли байналхалки ичозат доранд, ба анчом расонида мешавад.

2. Воситахои хамлу накли автомобили, ки ба амали гардидани хамлу накли байналхалки машгуланд, бояд аломати сабт ва фарккунандаи кишвари худро дошта бошанд.

## МОДДАИ 8

Ба боркашон ичозат дода намешавад, ки ба хамлу накли мусофирон ва бор байни ду махалли,

ки дар каламрави Тарафи Ахдкунандаи дигар чойгиранд, машгул шавад.

## МОДДАИ 9

Хамлу накли бор, ки ин Созишнома мукаррар мекунад, бояд ба воситаи борваракаи милли, ки шакли он бо намунаи маъмули байналхалки мувофик мебошад, ба анчом расад.

## МОДДАИ 10

1. Ронандаи автобус е автомобили боркаш бояд ичозати ронандагии милли е байналхалкие, ки он ба навъи воситаи хамлу накли автомобили, ки онро идора менамояд ва хуччатхои сабти воситаи хамлу накли автомобили мувофикат мекунад, дошта бошад.

2. Ичозат ва хуччатхои дигар, ки он мутобик бо мукаррароти ин Созишнома талаб карда мешавад, бояд дар воситаи хамлу накли автомобили, ки ба он мутааллик аст, бошад ва бо талаби идорахои салохиятдори назорати пешниход карда шавад.

## МОДДАИ 11

Масъалахои амали , ки ба анчом додани хамлу накли мусофирон ва бор, ки онро ин Созишнома мукаррар мекунад, марбут мебошанд, метавонанд бе восита байни идорахои дахлдор ва боркашонхои Тарафхои Ахдкунанда танзим гарданд.

## МОДДАИ 12

Хисоб ва пардохтхо, ки мутобик бо ин Созишнома амали мегарданд, дар чахорчубаи созишномахои байнихукуматии миени ду кишвар амалкунанда дар бораи пардохт е созишномахои дигар, ки бо ваколати Тарафхои Ахдкунанда имзо шудаанд, ба анчом мерасанд.

## МОДДАИ 13

1. Фоида ва даромадхо, ки аз чониби боркашони яке аз Тарафхои Ахдкунанда дар мавриди амали гардидани хамлу накли вуруди ва хуручи дар каламрави Тарафи Ахдкунандаи дигар ба даст омадаанд, аз андозситонии Тарафи Ахдкунандаи дигар озод мегардад.

2. Яке аз Тарафхои Ахдкунанда мутобик бо коидахои дахлдор аз воситахои хамлу накли автомобилии воридшавандаи Тарафи Ахдкунандаи дигар даромад ва пардохтхои харакати он ва дигар даромад ва пардохтхоеро, ки аз тарики конун муайян мегарданд, меситонад.

## МОДДАИ 14

1.Дар мавриди амали гардидани хамлу накл дар асоси мукаррароти ин Созишнома маводи зайл аз даромад ва андозхои гумруки аз харду чониб озод карда мешаванд:

а) сузишвори, масолех ва маводи хурока, ки дар воситаи хамлу накли автомобили мавчуд буда, дар рох истифода мешаванд;

б) асбобхое, ки барои таъмири воситахои хамлу накли вайроншудаи автомобили, ки хамлу накли байналхалкиро ичро мекунанд, истифода бурда мешаванд. Баъди ба охир расидани таъмир ин асбобхо бояд бозгардонда шаванд.

2. Кисмхои эхтиетии истифоданашуда бояд бозгардонда шаванд, кисмхои эхтиетии ивазшуда бошанд, бояд аз кишвар бароварда е нобуд карда шаванд, е бо тартибе, ки дар каламрави Тарафи Ахдкунандаи дахлдор мукаррар шудааст, супорида шаванд.

## МОДДАИ 15

Хамлу накли автомобили байналхалки дар асоси ин Созишнома бо дарназардошти сугуртаи хатмии масъулияти граждании сохибони воситахои хамлу накли автомобили амали мегардад. Боркашон вазифадор аст хар як воситаи хамлу накли автомобилиро, ки хамлу наклро ичро мекунад, пешаки сугурта кунад.

## МОДДАИ 16

Масъалахои ташкил ва ичрои назорати сархади, гумруки ва санитари аз чониби идорахои салохиятдори Тарафхои Ахдкунанда хамоханг карда мешавад.

## МОДДАИ 17

Назорати сархади, гумруки ва санитари дар мавриди хамлу накли беморони вазнин, мусофирони хамлу накли мунтазам, хамчунин дар мавриди хамлу накли хайвонот ва молхои тезвайроншаванда ба тарики таъчили бенавбат амали мегардад.

## МОДДАИ 18

Боркашонхои давлатхои Тарафхои Ахдкунанда вазифадоранд конунгузори ва

коидаи харакати рохи давлатеро, ки дар худуди он воситаи хамлу накли автомобили мавчуд аст, риоя намоянд.

## МОДДАИ 19

Бо максади таъмин намудании ичрои ин Созишнома идорахои салохиятдори Тарафхои Ахдкунанда робитахои бевосита баркарор мекунанд, бо пешниходи хар яке аз Тарафхои Ахдкунанда барои баррасии масъалахои марбут ба низоми ичозатномахо барои хамлу накли мусофирхо ва борхо чаласахо доир менамоянд, хамчунин оид ба истифодаи ичозатномахои додашуда мубодилаи тачриба ва маълумот менамоянд.

## МОДДАИ 20

Масъалахое, ки бо ин Созишнома, хамчунин созишномахои бисерчониба ва дучониба, ки харду Тарафи Ахдкунанда иштирокчиени он мебошанд, танзим намегарданд, мутобик бо конунгузории дохилии хар як аз Тарафхои Ахдкунанда хал мегарданд.

## МОДДАИ 21

Тарафхои Ахдкунанда хамаи масъалахои бахсталабро, ки вобаста ба шарх ва истифодаи ин Созишнома пайдо мешаванд, бо тарики музокирот ва машварат хал менамоянд.

## МОДДАИ 22

Ин Созишнома ба хукук ва ухдадории Тарафхои Ахдкунанда, ки аз шартномахои дигари байналхалкии имзо кардаи онхо бармеоянд, дахл намекунад.

## МОДДАИ 23

Бо розигии Тарафхои Ахдкунанда метавон ба ин Созишнома тагйирот ва иловахо ворид сохт.

## МОДДАИ 24

1. Ин Созишнома аз рузе, ки Тарафхои Ахдкунанда ба якдигар дар бораи анчоми ичрооти конунии эътибор пайдо кардани он дар кишвархояшон иттилоъ медиханд, эътибор пайдо мекунад.

2. Ин Созишнома ба мухлати се сол баста мешавад ва агар яке аз Тарафхои Ахдкунанда Тарафи Ахдкунандаи дигарро на дертар аз шаш мохи то ба охир расидани мухлати амали ин Созишнома дар бораи катъ кардани амали он огох насозад, эътибори Созишнома худ ба худ ба мухлати сесолахои дигар тамдид меебад.

Ин Созишнома 13 августи соли 1999 дар шахри Далян дар ду нусхаи асли, хар яке аз онхо ба забонхои хитои, точики ва руси, ки эътибори яксон доранд, ба имзо расид.

**АЗ ЧОНИБИ
ХУКУМАТИ ЧУМХУРИИ
ХАЛКИИ ХИТОЙ**

黄镇东

**АЗ ЧОНИБИ
ХУКУМАТИ ЧУМХУРИИ
ТОЧИКИСТОН**